## ҲИСОБОТ

**оиди иҷроиши Нақшаи муштараки ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» (СФШҒТ) ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013**

**Лоиҳаҳо:**

1. Лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», бо дастгирии молиявии Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия.
   Давраи амалӣ: «01» сентябри соли 2011 - «31» декабри соли 2015.
2. Лоиҳаи «Беҳтар намудани дастрасӣ ба сарчашмаҳои иттилоотӣ», бо дастгирии молиявии Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия.
   Давраи амалӣ: «01» июли соли 2012 - «31» декабри соли 2015.
3. Лоиҳаи USAID «Муоширит оиди ВНМО ва бемории сил».
   Давраи амалӣ: «01» феврали соли 2010 - «31» январи соли 2013.
4. Лоиҳаи USAID «Муошират оиди ВНМО ва бемории сил», ба пешгирии бемории сил дар СИҶҶ ВА ҶТ равона шудааст.
   Давраи амалӣ: «01» ноябри соли 2013 - «31» октябри соли 2014.
5. Лоиҳаи «Такмили кӯшишҳо дар самти дастгирии дурнамои миллии соҳаи ВНМО», бо дастгирии молиявии Хазинаи глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва вараҷа.
   Давраи амалӣ: «01» апрели соли 2012 - «30» сентябри соли 2013.

Дар соли 2013 мувофиқи Нақшаи муштарак чунин чорабиниҳо гузаронида шуданд:

**Моддаҳои №1, 7 ва 9.**
**Гузаронидани тренинг оиди кӯмаки иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ барои мутахассисони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиббӣ.**
**Ҳисобот:** Аз тарафи СФШҒТ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД 3-то тренинг бо иштироки 60 мутахассисон ва коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида шуданд:

- 31 январ – 1 феврали соли 2013 дар ш. Душанбе тренинги «Кӯмаки иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ» барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 нафар, аз ҷумлаи мутахассисони муассисаҳои тиббӣ ва коргарони иҷтимоӣ, аутриҷӣ ва мушовирони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Солиев А., мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД ва Мальчиков В., тренер (ҶҚ), гузаронида шуд.
- 20-21 июни соли 2013 г. дар ш. Хуҷанд тренинги «Кӯмаки иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ» барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 нафар, аз он ҷумла 12 нафар коргарони иҷтимоӣ, аутриҷӣ ва мушовирони ташкилоти ҷамъиятӣ ва 8 нафар намояндагони муассисаҳои тиббӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Ишонова М, мутахассиси Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИДи вилояти Суғд ва Мальчиков В., тренер (ҶҚ), гузаронида шуд.
- 15-16 июли соли 2013 г. дар ш. Қӯрғон-теппа тренинги «Кӯмаки иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ» барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 нафар, аз он ҷумла 15 нафар коргарони иҷтимоӣ, аутриҷӣ ва мушовирони ташкилоти ҷамъиятӣ ва 5 нафар намояндагони муассисаҳои тиббӣ иштирок намуданд.

Тренинг аз тарафи Давлатов А., директори Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИДи вилояти Хатлон ва Мальчиков В., тренер (ҶҚ), гузаронида шуд.

**Моддаҳои №2 ва 11.**

**Ташкил ва фаъолияти Нуқтаҳои иттилоотӣ ва портали электронӣ барои мутахассисони тибб ва дигар мутахассисон.**

**Ҳисобот:** Мувофиқи Нақшаи муштараки СФШҒТ ва Вазорати тандурустӣ ва мактуби Вазорати тандурустӣ аз 20 ноябри соли 2012 таҳти №1-6/2870-2117 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-то Нуқтаҳои иттилоотӣ дар Марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИДи шш. Қӯрғон-теппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ, Турсун-зода, Ваҳдат, Исфара, Панҷакент, Ёвон, дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ва Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон барқарор карда шуданд. Ҳамзамон, 5-то мушовир дар соҳаи ВНМО, бемории сил, нашъамандӣ, ҳепатитҳо ва сироятҳои тавввасути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда тавсия шуданд, ва сомонаи http://www.afew.tj/ ташкил карда шуд. Дар портали иттилоотии тиббӣ http://www.afew.tj/ мутахассисон ба 297 савол ҷавоби мувофиқро оид ба ВНМО/БПНМ, ҳепатитҳои вирусӣ, бемории сил, вобастагӣ аз нашъамандӣ, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда (САҶИ) ва бемориҳои пӯст пешкаш намуданд. Ҳамазмон, аз тарафи мутассадиёни Нуқтаҳои иттилоотӣ ба 3233 саволҳо ҷавобҳои муккамал ба мизоҷон, мутахассисони тибб ва аҳолӣ дода шуд.

**Вохӯрии корӣ бо иштироки мутахассисони марказҳои СПИД, наркологӣ, бемориҳои пӯст ва узви таносул ва Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ.**

Гузаронидани чорабинии мазкур дар асоси мактуби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҶТ таҳти № 9/29-40 аз «05» феврали соли 2014 дар моҳи феврали соли 2014 ба нақша гирифта шудааст.

**Моддаи №3.**

**Ташкил ва гузаронидани мониторингҳои арзёби ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти барномавӣ дар маҳалҳо**

**Ҳисобот:** Дар марҳилаи ҳисоботӣ 10-то мониторинги арзёбӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти лоиҳаҳои СФШҒТ дар 10 минтақа гузаронида шуд:

- 18-19 апрел, 25-27 июн, ва 26-27 ноябри соли 2013 дар вилояти Суғд (шш.Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд, Исфара);
- 11 апрел, 19-20 июн, 22-25 ноябри соли 2013 дар вилояти Хатлон (шш. Қӯрғон-теппа, Кӯлоб, Шаҳритус, Ёвон);
- 15-16 апрел, 17-18 июн, 20-22 ноябр ва 25-27 декабри соли 2013 дар НҶТ (ш.Турсун-зада, Вахдат) ва ш.Душанбе.

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо ба 19 ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва 12 Нуқтаҳои иттилоотӣ, ки лоиҳаҳои СФШҒТ-ро амалӣ мегардонанд, 126 тавсияҳо оиди беҳтар намудани раванди барнома равона карда шуданд, аз он ҷумла 111 (88%) тавсияҳо иҷро гардиданд ва боқимондаи онҳо дар марҳилаи иҷрошавӣ мебошанд.

**Моддаҳои №4, 5 ва 8.**

**Гузаронидани тренинги оиди паст намудани зарар аз истифодаи маводи наъша барои коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мушовирон ва мутахассисоне, ки хизмати тиббӣ пешниҳод менамоянд.**

**Ҳисобот:** Аз тарафи СФШҒТ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи проф. М. Гулямов 3-то тренинг бо иштироки 65 мутахассисон ва коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида шуданд:

- 20-21 феврали соли 2013 дар ш. Душанбе тренинги «Паст намудани зарар аз истифодаи маводи наъша» барои коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мушовирон

ва мутахассисоне, ки хизмати тиббӣ пешниҳод менамоянд барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 25 нафар, аз ҷумлаи мутахассисони марказҳои наркологии минтақавӣ ва коргарони иҷтимоӣ ва мушовирони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Ким И., мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ва Туреханов Я., тренер (ҶҚ), гузаронида шуд.

- 2-3 майи соли 2013 г. дар ш. Хуҷанд тренинги «Паст намудани зарар аз истифодаи маводи наъша» барои коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мушовирон ва мутахассисоне, ки хизмати тиббӣ пешниҳод менамоянд барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 нафар, аз он ҷумла 18 нафар коргарони иҷтимоӣ, аутриҷӣ ва мушовирони ташкилоти ҷамъиятӣ ва 2 нафар намояндагони марказҳои наркологии вилоятӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Ким И., мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ва Магкоев В., тренер (ҶТ), гузаронида шуд.
- 22-23 майи соли 2013 г. дар ш. Қӯрғон-теппа тренинги «Паст намудани зарар аз истифодаи маводи наъша» барои коргарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мушовирон ва мутахассисоне, ки хизмати тиббӣ пешниҳод менамоянд барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 нафар, аз он ҷумла 16 нафар коргарони иҷтимоӣ ва мушовирони ташкилоти ҷамъиятӣ ва 4 нафар намояндагони марказҳои наркологии минтақавии вилояти Хатлон иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Ким И., мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ва Магкоев В., тренер (ҶТ), гузаронида шуд.

**Моддаи №6. Ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ оиди гузаронидани Рӯзи байналхалқии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар**

**Ҳисобот:** Дар марҳилаи май-июни соли 2013 19-то чорабиниҳои иттилоотӣ-омӯзишӣ дар 9 минтақаҳо бахшида ба Рӯзи байналхалқии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар бо иштироки 4132 сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуданд:

- 4-то озмун оиди расми беҳтарин дар байни 200 талабон ва ҷавонони ш. Душанбе, ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд;
- як-то намоишгоҳ ва як-то озмун оиди сурати беҳтарин байни талабон ва 96 ҷавонони ш. Душанбе;
- 12-то дӯконҳои иттилоотӣ дар шш. Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Ваҳдат ва Панҷакент, ки аз онҳо 3800 аҳолӣ баҳра гирифтанд;
- Мизи мудаввар «Дастрасии истеъмолкунандагони маводи нашъаовар ба табобат ва барқароршавии иҷтимоӣ» бо иштироки 36 намояндагони хадамотҳои дахлдор ва иттиҳоди истеъмолкунандагони маводи нашъа.

**Моддаи №10. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ дар доираи Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди СПИД дар ҶТ**

**Ҳисобот:** Рӯзҳои 22-29 ноябри соли 2013 дар кишварҳои Аврупо ҳафтаи гузаронидани ташхиси ВНМО ба нақша гирифта шуд (http://www.hivtestingweek.eu/). Ин ташаббусро СФШҒТ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД бо мақсади зиёд намудани шахсоне, ки оиди вазъи худ нисбати ВНМО бохабар мебошанд ва паст намудани ҳодисаҳои ташхиси дери ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ намуд, ки яке аз таҷрибаҳои беҳтарини навоварӣ мебошад. 8416 шахсон маълумот оиди ВНМО гирифтанд ва 3285 нафар аз машварат ва ташхиси ихтиёрӣ барои ВНМО гузаштанд. Дар натиҷаи он 8-то ҳодисаҳои нави ВНМО дарёфт гардид. «Ҳафтаи Аврупоии санҷиш барои ВНМО» дар 14 минтақаҳои ҷумҳурӣ бо иштироки даҳ-то Марказҳои СПИД ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

***Маълумоти пурраро оиди чорабиниҳои гузаронида шуда дар ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дастрас кардан мумкин аст.***